«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
________________Сатторзода Б.А.
«_18_» ______________ 2025 сол

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар шароити кунунӣ, экстремизм ҳамчун ҷинояти дорои хусусияти трансмиллӣ шинохта шуда, мубориза бо он тақозои ҳамоҳангсозии пайваста ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсусро ба миён мегузорад. Таҳдиди экстремизм имрӯз дар шаклҳои гуногун зуҳур меёбад, ки шомили истифодаи силоҳи ядроӣ, химиявӣ ва бактериологӣ, инчунин интихоб

кардани объектҳои дорои аҳаммияти стратегии террористӣ барои анҷом додани кирдорҳои зуроварӣ мебошад. Бо дарназардошти паёмадҳои васеъ, экстремизм на танҳо як ҷинояти дохилидавлатӣ маҳсуб мешавад, ки ба манфиатҳои шахсони алоҳида, ҷомеа ва давлат зарар мерасонад, балки ҳамчун таҳдиде ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Дар ин замина, мубориза бо экстремизм на танҳо амали ватанӣ, балки як вазифаи муҳим ва ҳамгиро барои кишварҳои ҷаҳон мебошад ва тақозо мекунад, то дар сатҳи байналмилалӣ механизмҳои муассир барои пешгирӣ, ошкор ва бартарафсозии ин таҳдидҳо татбиқ шаванд.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки сатҳи пасти донишу таҷриба ва шуури ахлоқии нокифоя барои на ҳамаи афроди ҷомеа имконияти дарки дурусти тамоюлҳои нави иҷтимоӣ ва сиёсиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, намояндагони баъзе қишрҳои ҷомеа, хусусан ҷавонон, дар баҳодиҳӣ, интихоби арзишҳо ва муносибатҳои ахлоқӣ ба хатогиҳо роҳ дода, баъзан ба сафи ҳизбу ҳаракатҳое шомил мегарданд, ки дорои хусусияти радикалии динӣ ва экстремистӣ мебошанд. Ин ҳолат, ки зери таъсири таҳаввулоти маънавию идеологӣ ва шароити нави иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ба як муаммои ҷиддии ҷомеашиносӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин, зарурати баррасии мутобиқшавии аъзоёни ҷомеа ба воқеияти нави маънавӣ ва сиёсӣ аз дидгоҳи нав ба миён омада, ин масъала ҳамчун яке аз муҳимтарин масоили фалсафаи иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Барои пешгирии чунин равандҳо, зарурати таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва таҳкими низоми тарбиявию ахлоқӣ беш аз пеш афзудааст.

Тавсеаи ҷаҳонишавӣ барои баъзе кишварҳо хатар маҳсуб шуда, дар вуҷуди инсонҳо эҳсоси ташвиш, тарс ва эътирозу мубориза зидди фарҳанги бегонаро тақвият бахшид. Аз ин лиҳоз, ҳимояи фазои иттилоотии ҷомеа аз паҳншавии мафкураи ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар марҳилаи кунунӣ ҳатмӣ мебошад.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятӣ, маводи тафтишотию судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Дар кори мазкур, бо истифода аз методи диалектикӣ, маҷмуи методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ ва низомманд – сохторӣ хусусиятҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ошкор ва таҳқиқ гардидаанд.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти мазкур дар асоси таҳлили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмию таҷрибавӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод шудааст, ки дар таркиби моддаи $307^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аломати бандубастшаванда дар намуди даъвати оммавӣ барои

амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши экстремистон, криминализатсия карда шавад. Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм асоснок ва пешниҳод шудааст.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ дар ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ - ҳуқуқӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқ таърифи мукаммали мафҳуми «экстремизм» пешниҳод гардидааст, ки он дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои доктриналӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Инчунин, бори аввал дар таҳқиқоти мазкур зарурати такмил додани моддаи $307^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои назариявӣ ва амалии ҷиддӣ исбот шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳими назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

– мафҳуми экстремизм, аломатҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии марбут ба он ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, аз нигоҳи доктрина,

санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳуми нави ин истилоҳот таълиф гардидааст;

–таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ, ки ҷавобгариро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307[1] КҶ ҶТ) муқаррар менамояд, бо мақсади муайян намудани механизмҳои самараноки ҳуқуқӣ ва имкони татбиқи онҳо дар такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст;

– дар хусуси муайян намудани аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятe, ки дар моддаи 307[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, пешниҳодҳои мушаххас таҳия ва асоснок шудаанд;

– дар сатҳи диссертатсионӣ барои баланд бардоштани самаранокии ҳимояи ҳуқуқии сохти конститутсионӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот карда шудааст, ки такмили моддаи 307[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд, дар такмил додани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмӯи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла, таҳлили методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ ва низомманд – сохторӣ таъмин гардидааст. Дар кори мазкур маълумоти омории ҷиноятӣ, маводҳои воқеии тафтишотӣ ва судии солҳои 2010 – 2024 истифода шудаанд, ки саҳеҳияти натиҷаҳо ва эътимоднокии хулосаҳоро ба таври назаррас боло мебардорад.

Хулосаҳои илмии муаллиф ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзӯъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти таъмини асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус, дар самти омӯзиши ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм мусоидат менамояд. Дар ин таҳқиқот аввалин бор дар сатҳи илмӣ – ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, мафҳумҳои калидӣ дақиқ ва мукаммал гардидаанд, ки барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назаррас мегузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунандаи мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар ва самаранoктар шавад. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф ҷиҳати такмил додани моддаи $307^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуруст татбиқ кардани қонун ва бандубасти дурусти ин ҷиноят мусоидат намуда метавонад.

Натиҷаҳои бадастомада ба таъмини асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ин ҷиноят мусоидат мекунанд. Такмили механизмҳои ҳуқуқӣ барои ҳифзи муносибатҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, бахусус, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудудӣ мегардад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти ҳамаҷонибаи илмӣ ва амалӣ дошта, барои баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти муқовимат ба экстремизм саҳми назаррас мегузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла маҷмуи методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, қиёсию ҳуқуқӣ, таърихӣ ва низомманд – сохторӣ таъмин карда шудааст. Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии тафтишотию судӣ, маълумоти омории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии солҳои 2010 - 2024 такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмии Каримзода Муаззама Мирзокарим дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ

мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз тарафи худи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур, махсусан дар таълифи мафҳумҳои нави ҳуқуқие, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили моддаи 307[1] Кодекси мазкур, муайян намудани аломатҳои объективию субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани қонунгузории ҷиноятӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ифода ёфтааст.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 21 мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Каримова, М.М. Шарҳи илмии мафҳумҳои экстремизм, терроризм ва радикализм [Матн] / М.М. Каримова // Маҷалаи илмӣ – назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №2 (87). – С.138 -147.

2. Курбонзода, Б.Ш., Каримова, М.М. Асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм тибқи санадҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон

эътирофгардида [Матн] / Б.Ш. Қурбонзода, М.М. Каримова // Маҷалаи илмӣ «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» – 2024. – №1 (33). – С. 214 -226.

3. Каримова, М.М. Таҳлили аломатҳои субъективии даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм [Матн] / М.М. Каримова // маҷалаи илмии Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024.– №2 (62). – С.122-129.

4. Каримова, М.М. Сравнительно - правовой анализ преступления публичного призыва к осуществлению экстремистской деятельности и публичного оправдания экстремизма в соответствии с законодательством государств - участников СНГ [Матн] / М.М. Каримова // Научный журнал Академия юридических наук. – 2024. – №2. – С.131-138.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмӯи масъалаҳои муҳим ва зарурииро барои ҳалли мавзӯи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 220 саҳифаро дар бар мегирад.

**Дар боби якум** - «Сабабҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» муаллиф ба масъалаҳои калидии назариявию ҳуқуқӣ ва меъёрие, ки ба экстремизм ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ марбут мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор дода, таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои фарқгузории категорияҳои мафҳумӣ, муайян намудани аломатҳои муҳими фаъолияти экстремистӣ ва таҳлили моҳияти ин зуҳурот дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ равона намудааст. Бо таҳлили доираи васеъи адабиёт, андешаҳои олимони гуногун, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф баён медорад, ки «экстремизм - ин таъсиррасонӣ ба мафкура, ақидаҳо ва ҳадафҳои ниҳоят радикалӣ асосёфта, ки ноил шудан ба онҳо асосан бо роҳи зӯроварӣ, инчунин бо усулу воситаҳои ғайриқонунӣ сурат мегирад (масалан, барангехтани кинаю адовати динӣ (мазҳабӣ), нажодӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, маҳалгароӣ барангехтани шӯришҳои мусаллаҳона ва ғ.)» (саҳ.59 диссертатсия).

Дар доираи боби мазкур муаллиф инчунин таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм мутобиқи қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ баррасӣ ва таҳлил намуда, ба таври асоснок баён медорад, ки «таҳияи шакли муассири рушди низоми миллии ҳуқуқии Тоҷикистон, аз ҷумла танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, бешубҳа, бидуни омӯзиши қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва муайян кардани афзалиятҳо ва нуқсонҳои он ғайриимкон аст» (саҳ.65 диссертатсия). Муаллиф бо истифода аз таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии қонунгузории кишварҳои аъзои ИДМ хулосаҳои (пешниҳодҳои) судманд ва самарабахшро пешниҳод кардааст, аз ҷумла, дар ИДМ Консепсияи амнияти киберӣ барои

мубориза бо ҷалб ва таблиғи ифротгароён дар Интернет таҳия ва ҷорӣ карда шавад. Низоми ягонаи «Киберсипари ИДМ» таъсис дода шавад.

**Боби дуюм** бо номгузории «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии унсурҳои таркиби ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи объект, тарафи объективӣ ва аломатҳои субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф ба таври ҳамаҷониба хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳимро баррасӣ намудааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф, аввалан, объекти ҷинояти мазкурро муайян намуда, хусусиятҳои алоҳидаи онро нишон додааст. Муаллиф ба таври асоснок таъкид намудааст, ки «объекти бевоситаи даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки баҳри устувор нигоҳ доштани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ равона шудаанд» (саҳ.108 диссертатсия).

Муаллиф тарафи объективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизмро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба тавсеа ва дарки назариявии мафҳумҳои калидӣ, аз ҷумла «фаъолияти экстремистӣ», «даъвати оммавӣ» ва «сафедкунии оммавии экстремизм» таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Дар мавриди таҳлил намудани тарафи объективии ҷинояти мазкур муаллиф чунин баён намудааст: «тарафи объективии ин ҷиноят дар даъвати оммавӣ оид ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм ифода мегардад» (саҳ.112 диссертатсия).

Дар натиҷаи таҳлили тарафи объективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии

оммавии экстремизм муаллиф пешниҳод ва хулосаҳои худро баён намудааст. Аз ҷумла, дар таркиби м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавииноболиғон ё аз тарафи аъзоёни ташкилоти террористиву экстремистӣ содир гардидааст, ҳамчунин таъйид (дастгирӣ) ё ситоиши шахсоне, ки фаъолияти экстремистиро содир намудаанд, криминализатсия карда шавад (саҳ. 158 диссертатсия).

Муаллиф вобаста ба масъалаи аломатҳои субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм субъект ва тарафи субъективии ин ҷиноятро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мавриди таҳлили субъекти ҷинояти мазкур муаллиф иброз менамояд, ки субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм шахс ё гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки даъватҳои оммавиро амалӣ мекунанд ё иттилоотро барои даъват ба амалҳои экстремистӣ паҳн мекунанд ё экстремизмро сафед мекунанд (саҳ.166 диссертатсия).

Ҳангоми таҳлили субъекти ҷинояти мазкур муаллиф муайян намудааст, ки субъекти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида бошад. Дар баъзе мавридҳо субъекти ҷинояти мазкур метавонад махсус бошад, ба монанди хатибон ва ноибони хатибон, шахсони масъули ВАО (саҳ.180 диссертатсия).

Муаллиф вобаста ба тарафи субъективии ин ҷиноят дуруст таъкид менамояд, ки тарафи субъективии ҷинояти даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм танҳо дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, шахс дарк менамояд, ки ба таври оммавӣ шахсонро барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва (ё) сафедкунии оммавии экстремизм даъват намуда истодааст ва хоҳони содир шудани чунин кирдор мебошад (саҳ.180 диссертатсия).

Ҳангоми таҳлили тарафи субъективии ин ҷиноят муаллиф асоснок кардааст, ки ҷинояти мазкур бо мақсадҳои гуногун содир мегардад. Аз ҷумла мақсади даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм метавонад гуногун бошад ва аз ангезаҳои субъекти чунин даъват вобаста бошад. Дар ҳеҷ сурат, даъватҳои экстремистиро ҳамчун як категорияи ягона ва ҷудогона баррасӣ кардан мумкин нест, зеро онҳо метавонанд бо ангезаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ, бегонапарастӣ ва нажодпарастӣ, эҷоди фишори ҷамъиятӣ, барангехтани низоъ, сӯистифода аз ноустувории ҷамъиятӣ, таъсири психологӣ, ҷалби ҷонибдорони нав ё идеологӣ дастгирӣ карда шаванд (саҳ.180 диссертатсия).

Дар анҷоми таҳқиқи аломатҳои субъективии ҷинояти мазкур, муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои субъективии ин ҷиноят манзур намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, № 7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Каримзода Муаззама Мирзокарим ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар саҳифаи 82 диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки таҳлили КҶ Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Молдова, Арманистон, Озарбойҷон, Арманистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Беларус нишон дод, ки дар он сафедкунии экстремизм ҳамчун ҷиноят ба ҳисоб намеравад. КҶ ҶТ дар ин масъала пешсаф мебошад. Бояд қайд намуд, ки масъалаи мазкур барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор мушкили пеш меорад, зеро м. 15 КҶ ҶТ, ки ба масъалаи амали қонуни ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудаанд, мо нафаронеро, ки дар ин давлатҳо чунин ҷиноятро содирнамудаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида наметавонем. Дар сатҳи диссертатсия ҳалли масъалаи мазкур дида намешавад. Чи бояд кард?

2. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар қ.3 м.307[1] КҶ ҶТ аломати бандубастшаванда барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ ва сафедкунии оммавии экстремизм, ки нисбати ноболиғон равона карда шудааст, криминализатсия карда шавад (саҳ. 153 диссертатсия). Зарурияти дар категорияи алоҳида ҷудо намудани ноболиғон дар чи ифода меёбад?

3. Дар саҳифаи 162 муаллиф менависад, ки барои фаҳмиши муфассали субъекти ҷиноят, ҷанбаҳои зеринро ба назар гирифтан муҳим аст: Қасд (гуноҳ). Субъекти ҷиноят ҳангоми содир кардани амали ғайриқонунӣ бояд хусусият ва оқибатҳои ба ҷомеа хатарноки ҳаракати худро дарк кунад. Оё ин маҳак ба тарафи субъективии ҷиноят дахл надорад?

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Каримзода Муаззама Мирзокарим дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ – назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ – назариявӣ таҳти №2 аз 11 августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Оралбаев Х.Х. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ таҳия гардида дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 14 нафар иштирок доштанд: 14-нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратҷаласаи кафедра тахти № 1 аз 14 августи соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ – назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Бобозода Ҷ.Қ.

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Оралбаев Х.Х.

**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Табаров Н.А.

имзои Бобозода Ҷ.Қ., Оралбаев Х.Х. ва котиби ҷаласа Табаров Н.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 231-02-01
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«14» август 2025 сол